**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филология, профессор Расулзода Алидод Бобо ба аспирант Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич.**

Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич соли 2013 пас аз хатми шуъбаи арабии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо дар кафедраи филологияи араб ба аспирантураи рӯзона пазируфта шуд. Рисолаи илмии Муродов Ҷ.Қ. ба мавзӯи «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис» (аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) ихтисос дорад. Дар тӯли таҳсил номбурда аз худ намунаи шоистагӣ нишон дод. Ӯ мутахассиси донишманд дар риштаи адабиёти форсӣ маҳсуб мешавад. Номбурда пажӯҳишу таҳқикро дар атрофи рисолаи илмияш пас аз интихоби мавзӯъ ва таийиди он дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо (қарори №10 аз 03.04.2014) шурӯъ намуд.

Ҳамзамон бо фаъолияти таҳқиқӣ дар давраи таҳсилӣ Муродов Ҷ.Қ. бо мақсади касби таҷрибаву малака дар корҳои таълимӣ, барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ ҷалб карда шуд. Дар ин ришта низ мазкур худро ҳамчун муаллими боистеъдоду бобасират нишон дод. Аспирант Муродов Ҷ. Қ. дар заминаи адабиётшиносӣ махсусан адабиёти муосири форсиву тоҷикӣ донишу мутолиоти фаровон дорад.

Диссертатсияи номбурда тавре ки дар боло зикр гардид, ба таҳқиқи афкору андешаҳои адабӣ ва назарии яке аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабиёти муосири Эрон Маҳдӣ Ахавони Солис ихтисос дорад.

Зимни тадвину таълифи диссертатсия муҳаққиқ собит сохт, ки дар иҷрои умури таҳқиқӣ омодагии комил дошта ва мустақилона метавонад вазоифу аҳдофи масоили матруҳаро таъину амалӣ созад. Донишу огоҳии ӯ дар заминаи таълифоти илмӣ имконият медиҳад, то ҳар масъалаи илмиро таҳлилу арзёбӣ намояд ва дар таҳаққуқи масоили илмӣ аз равишҳои пазируфташудаи таҳқиқӣ баҳра бигирад. Мавсуф бо истифода аз шеваҳои навини таҳқиқӣ ба натиҷаҳои амиқи илмӣ расидааст, ки дар ҳақиқати онҳо шакку тардиде мавҷуд нест.

Натоиҷи пажӯҳишҳои Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич саривақтӣ дар нашрияҳои илмӣ ба чоп расида, ҳамзамон дар конференсияҳои илмии донишгоҳӣ пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсияи мазкур ҳосили фаъолияти амалии муҳаққиқ мебошад. Сатҳи баланду ҳаҷми кор имкон медиҳад ба Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич номзади илмҳои филология дода шавад.

**Доктори илмҳои филология,**
**профессор** **Расулзода А.Б.**

«_24_» апрели 2020

Расулзода А.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Тавқиев Э. А.